Протоколи №48-и
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-117 дар
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода

аз 3-юми ноябри соли 2026 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали 2026, №53/шд тасдиқгардида, 10 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Қодирзода Муҳаббат Аликул** дар мавзуи **“Воҳидҳои фразеологӣ-фитонимии забони тоҷикӣ ва аналогҳои онҳо дар забони англисӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ.

ШУНИДА ШУД:

Оид ба масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ – Ҷамшедов Парвонахон ва узви комиссияи экспертӣ – Қосимов Олимҷон сухан гуфтанд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Қодирзода Муҳаббат Аликул дар мавзуи **“Воҳидҳои фразеологӣ-фитонимии забони тоҷикӣ ва аналогҳои онҳо дар забони англисӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ ба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Раҳмон Наргис Шариф** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–**Раҳимзода Муҳаммадназар Сафар** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** тавсия дода мешавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад;

6. Таърихи баргузории ҳимоя 26.12.2026, соати 10:00 муқаррар карда шавад.

Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Сохибназарзода Ҳ.Т.